«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Насриддинзода Э.С.
_________________________
«____»_______________ 2024 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Буриев Шоҳин Муддинович докторанти фалсафа (PhD)-и кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Буриев Шоҳин Муддинович соли 2019 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намуда, сипас ӯ дар давоми солҳои 2019-2021 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба сифати магистрант аз рӯйи ихтиссоси «фаъолияти бонкӣ» таҳсил намудааст. Буриев Шоҳин Муддинович соли 2021 тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 01 – ноябри соли 2021 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 «Молия» қабул гардида, онро 9-уми августи соли 2024 хатм намудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Буриев Шоҳин Муддинович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 7 феврали соли 2022, протоколи № 07 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии докторанти фалсафа (PhD) номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич таъин шудааст.

Буриев Ш.М. имтиҳони маҷмӯиро аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) бо баҳои 5 (аъло), дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супоридааст.

Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 21 сентябри соли 2024, протоколи №2/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудӣ ва пешниҳодҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

### Тавсифи умумии таҳқиқот

1. **Баҳои кори иҷрошуда.** Ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҳамчун сохтори муҳими институтсионалии низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, дар раванди

тараққиёбии иқтисоди миллӣ аҳамияти калидиро касб намудаанд. Зеро, дар ҷараёни маблағгузории соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, нақши ташкилотҳои маблағгузории хурд бузург буда, ҳамчун сармоягузор баромад менамоянд. Илова ба ин, пешниҳоди хизматрасониҳо яке аз самтҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба шумор рафта, бо такмилёбии хизматрасониҳои бонкии онҳо, на танҳо низоми маблағгузории хурд устувор мегардад, балки, имконияти ҳалли як қатор муаммоҳо, аз қабили: сатҳи камбизоатӣ дар қаламрави кишвар коҳиш ёфта, ҳолатҳои фавқулодаи шахсӣ бартараф гардида, тиҷорати хурду миёна тақвият меёбад. Паҳлӯи дигари ин равандҳо дар он аст, ки айни замон дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд баъзе муаммоҳое ҷой доранд (аз қабили: сатҳи пасти азнавсармоякунонии ташкилотҳои маблағгузории хурд, сатҳи пасти маърифати молиявии аҳолӣ, суръати пасти Интернет ва ғайра), ки дар ҳоли сари вақт бартараф нагардидани онҳо рушди босуботи ташкилотҳои маблағгузории хурд ғайриимкон мегардад. Илова ба ин, яке аз роҳҳои муассир дар ҷодаи мукаммалгардонии хизматрасониҳои маблағгузории хурд ин тақвияти инноватсия дар ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба шумор меравад. Дар ин хусус, ташкилотҳои маблағгузории хурд дар самти тақвияти хизматрасониҳои бонкии худ метавонанд ба масоили рақамикунонии фаъолияти худ диққати ҷиддӣ диҳанд .

**2. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар он мебошад, ки бо роҳи таҳқиқи тавсияҳои назариявӣ ва амалии бозори хизматрасониҳои маблағгузории хурд ва арзёбии роҳҳои мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҶТ, самтҳои иҷроиши нақшаи диссертатсионӣ, аз қабили интихоби мавзуъ, гузоштани мақсад, мушаххасозии вазифаҳо, мубрамият ва аҳамияти мавзӯи интихобшуда аз ҷониби диссертант иҷро ва хулосаю тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардидааст. Тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар татбиқи сиёсати маблағгузории хурд дар минтақаҳои кишвар, рушди бахши маблағгузории хурд ва таъмини фаъолияти самараноки низоми маблағгузории хурди кишвар истифода шаванд ва аҳамияти ин ташкилотҳои қарзиро дар иқтисодиёт баланд бардорад.

**3. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқияти маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**4. Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот** – омӯзиши асосҳои назариявӣ-амалии мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии

ташкилотҳои маблағгузории хурд ва дар доираи он таҳкими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд арзёбӣ мегардад.

**5. Навигариҳои илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот** аз таҳия ва такмили асосҳои назариявию-методологӣ ва амалии маблағгузории хурд ва коркарди роҳу усулҳо ва механизми мушаххаси такмили хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд иборат мебошад, ба шумор меравад.

**Натиҷаҳои асосие, ки аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқот ба даст омадааст ва ҳамчун навгонии илмӣ пешниҳод шудааст, инҳоро дар бар мегиранд:**

– асосҳои назариявии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳқиқ гардида, истилоҳоти «хизматрасониҳои бонкӣ» ва «маблағгузории хурд» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, илова ба ин, аҳамияти маблағгузориҳои хурд аз нигоҳи иқтисодӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ пажӯҳиш гардида, муайян шудааст, ки маблағгузории хурд аз роҳҳое маҳсуб меёбад, ки номгӯи мушаххаси амалиёти бонкиро ба аҳолӣ пешниҳод менамояд;

– хусусиятҳои маблағгузории хурд гуруҳбандӣ шуда, принсипҳои ташкили он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аз ҷумлаи принсипҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҳамчун: ҳамкорӣ бо соҳибкорони хурду миёна; пешниҳоди имтиёзҳо ба аҳолӣ; татбиқи низоми самараноки маблағгузории хурд; пешниҳоди қарзҳои хурд, арзёбӣ гардида, таъсири хусусиятҳои институтсионалӣ ба ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳлил ва самаранокии иқтисодии он баҳогузорӣ карда шудааст;

– ошкор гардидааст, ки яке аз омилҳои муҳими рушди низоми маблағгузории хурд ва тақвияти хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд аз истифодаи самараноки таҷрибаи хориҷӣ иборат буда, дар ин раванд, масъалаи рушди ташкилотҳои маблағгузории хурд дар мисоли кишварҳои Гурҷистон, Белорус ва Лаҳистон аз нигоҳи иқтисодӣ баҳогузорӣ гардида, баҳри тараққӣ додани фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди ватанӣ ва такмили хизматрасониҳои ташкилотҳои мазкур: мукаммалгардонии доираи низомҳои интернет-бонкинг ва мобайл бонкинг дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташаккули қарзҳои онлайнӣ, истифодаи васеи чат-ботҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, муътадилгардонии низоми андозбандии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғайраҳо, зарур дониста мешавад;

– ҳолати муосири бозори хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, ҷараёни ташаккул ва рушди нишондиҳандаҳои молиявии ин ташкилотҳо баррасӣ шудааст, ҳамчунин, бо истифода аз усулҳои риёзӣ дар иқтисодиёт алоқамандии нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд бо ММД мавриди муқоиса қарор гирифта, муайян гардидааст, ки рушди нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд бо афзоишёбии ММД алоқамандии мустақим дорад ва дар ҳолати рушди

бемайлони нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд, ММД низ афзоиш меёбад;

– муайян гардидааст, ки ҳар як ташкилоти маблағгузории хурд дар алоҳидагӣ метавонад инкишофи низоми маблағгузориҳои хурдро таъмин намояд ва густариши фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои маблағгузории хурдро ба роҳ монад, илова ба ин, ҷараёни фаъолияти молиявии ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» таҳлил гардидааст ва бо истифода аз усулҳои риёзӣ-иқтисодӣ дурнамои рушди фаъолияти ин ташкилоти қарзӣ барои солҳои 2025-2030 коркард гардидааст;

– ошкор карда шудааст, ки дар ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд истифодаи мақсадноки технологияи муосир аҳамияти зиёд дошта, метавонад, самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзиро дар шароити муосири иқтисодӣ таъмин намояд, инчунин асоснок карда шудааст, ки рақамикунонӣ ба раванди фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд таъсири мусбӣ расонида, сифати махсулотҳои бонкиро баланд мебардорад, илова ба ин, ҷиҳати мусоидат ба тақвияти ҷараёни гузариш ба рақамикунонии маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд механизми намунавӣ ҳамчун сенарияи рушд, коркард ва пешниҳод карда шудааст;

– мушкилоти дар низоми маблағгузории хурди ҶТ ҷойдошта ва таъсири он ба пешрафти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ошкор карда шуда, нишондиҳандаҳое ба монанди: савияи донишҳои молиявии аҳолӣ, дараҷаи рушди инфрасохтори технологӣ, сатҳи пасти саводнокии молиявии мутахассисони соҳа, дастрасии аҳолӣ ба Интернет, вуҷуд надоштани имтиёзҳои мушаххас ба муштариён, дастрас набудани қарзҳои онлайнӣ ва ғайраҳо, ки ба ҷараёни фаъолияти самараноки ташкилотҳои маблағгузории хурд монеа эҷод менамоянд, арзёбӣ гардидааст.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот ба омӯзиши ақидаҳои намояндагони мактабҳои иқтисодӣ, натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ, қонунгузориҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар дар бахши хизматрасониҳои бонкӣ, фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва маблағгузории хурд асос ёфтааст. Дар баробари ин, он натиҷаҳое, ки муаллиф дар тули таҳқиқотҳои бисёрсолаи худ дар самтҳои гуногуни бахши маблағгузории хурд ба даст овардааст, метавонад заминаи муҳимро дар самти баррасии асосҳои назариявию методологии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва муқаррарсозии роҳҳои минбаъдаи мукаммалгардонии он, фароҳам оварад. Гузашта аз ин, натиҷаи таҳқиқотҳои бадастомадаро метавон дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди ватанӣ, таҳия ва мукаммалгардонии фаъолияти молиявии онҳо ва ҳамчунин дар рафти гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ дар самти маблағгузории хурд истифода намуд. Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои

маблағгузории хурди Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфта, натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта ва тавсияҳои амалии он имкон медиҳанд, то дар самти мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ҳамчунин барои муҳаққиқони ватанию хориҷие, ки дар ҷодаи таъмини ҷараёни ташаккули низоми хизматрасониҳои маблағгузории хурд таҳқиқот мебаранд, кӯмак намояд.

**7. Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, мувофиқ мебошад: 9.3. Рушди инфрасохтори муносибатҳои қарзӣ, афзорҳо, шаклҳо ва методҳои муосири пешниҳоди қарз; 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ; 10.23. Проблемаҳои инкишофи ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ.

**8. Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**9. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва ҳамчунин дар конференсияҳои ҳамасолаи ҳайати устодон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, баррасӣ гардидаанд.

Нуктаҳои муҳими таҳқиқотро диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ғайраҳо дар давоми солҳои 2021-2024 рӯйи чоп омардааст. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти иноватсионӣ» (Душанбе, ДМТ, 10 феврали соли 2023); конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,19-20 декабри соли 2023); Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Финансово-кредитное регулирование развития инновационного предпринимательства в Таджикистане», (Душанбе, ДСРТ 10-уми майи соли 2022) ва ғайраҳо, баррасӣ гардидаанд.

**10. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Дар доираи мавзӯи диссертатсионӣ муаллиф 16 мақола (дар ҳаҷми 10,1. ҷ.ч.) ба нашр расонидааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11–

тои дигараш мақолаҳое мебошанд, ки дар конфронсҳои байналмилалию ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ нашр шудаанд.

**11. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.**

Мавзуи кори илмӣ дар доираи татбиқи стратегияву барномаҳои давлатии сатҳи миллӣ ва соҳавии дар ҶТ қабул шуда таҳия карда шудааст: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 ва Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ҷавобгӯ мебошад.

**12. Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» аз 10.05.2024, № 180/1-02, аз Маркази таълимӣ ва рушди маблағгузории хурди Тоҷикистон (дар назди АТМХТ) санади татбиқи амалӣ аз 20.06.2024, №143/2-04 ва санад оид ба татбиқи натиҷаҳои амалии таҳқиқот аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №423-1дс аз 29.08.2024, мавҷуд мебошад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ ВОБАСТА БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М] Буриев Ш.М. Асосҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ, маблағгузориҳои хурд ва нақши онҳо дар иқтисодиёт / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ/ Душанбе – 2022 - №8 – С. 173–184, ISSN 2413-5151;

[2-М] Буриев Ш.М. Дистанционные банковские услуги как механизм развития банковского сектора Таджикистана / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон/ Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ / Душанбе – 2023 - №7 - С. 17–23, ISSN 2413-5151;

[3-М] Буриев Ш.М. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии табаддулоти рақамӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд / Ш.М. Буриев // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» / Душанбе – 4-1(49)-2023 - саҳ. 18–25, ISSN 2308-054X;

[4-М] Буриев Ш.М. Таҳлили таҷрибаи низоми маблағгузории хурди Федератсияи Русия ва ИМА дар шароити муосир / Ш.М. Буриев // Паёми “Молия ва иқтисод” – и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Душанбе – 2023 - №4 (1) - С. 319–330, ISSN 2663-0389;

[5-М] Буриев Ш.М. Масъалаҳои мукаммалгардонӣ ва гурухбандии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд / Ш.М. Буриев // Ахбори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иқтисодӣ / Душанбе – 2023 - №3 (272) – С. 44-49, ISSN 2791-2639.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

[6-М] Буриев Ш.М. Гурӯҳбандии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои қарзӣ / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти рақамӣ», Душанбе,10-уми феврали соли 2023 - С. 83–89, ISBN 978-99985-36-54-8;

[7-М] Буриев Ш.М. Намудҳои таблиғот дар ташкилотҳои қарзӣ / Ш.М. Буриев, С.С. Саъдуллозода // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти рақамӣ» (10-уми феврали соли 2023) - С. 407-411, ISBN 978-99985-36-54-8;

[8-М] Буриев Ш.М. Оценка рынка банковских услуг в странах мира / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон», Душанбе, 17.02.2023 - С. 379-385, ISBN 978-99985-36-56-2;

[9-М] Буриев Ш.М. Таъсири низоми бонкӣ ба ҳолати рушди иқтисоди кишвар / Ш.М. Буриев, Ғ.Ҳ. Ғаюров, Ф.С. Обидов // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ», Кӯлоб, 19-20.12.2023 – С. 162–167, ISBN 978-99975-0-843-0;

[10-М] Буриев Ш.М. Мушкилиҳои ҷойдошта дар бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.М. Буриев, Ғ.Ҳ. Ғаюров // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ», Кӯлоб, 19-20.12.2023 – С.180–183, ISBN 978-99975-0-843-0;

[11-М] Буриев Ш.М. Қарзҳои ипотекӣ: таърихи пайдоиш ва ҳолати муосири он / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Маводи конфронси I илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд», Душанбе, 19-20.01.2024– С.444-448, ISBN: 978-99985-46-16-5;

[12-М] Буриев Ш.М. Изучение факторов, влияющих на развитие рынка банковских услуг / Ш.М. Буриев // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Финансово-кредитное регулирование развития инновационного предпринимательства в Таджикистане», Душанбе, 10.05.2022 – С. 66-69;

[13-М] Буриев Ш.М. Оид ба баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.М. Буриев, Ф.О. Худоиева //

Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Механизмҳои молиявию қарзии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 18.02.2022 – С. 49-56;

[14-М] Буриев Ш.М. Танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд: таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ / Ш.М. Буриев // Конференсияи ҷумҳурияии илмию амалӣ дар мазӯи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир», Душанбе, 25.11.2022 – С. 307–311;

[15-М] Буриев Ш.М. Мукаммалгардонии идоранамоии низоми хавфҳои бонкӣ дар шароити иқтисодӣ рақамӣ / Ш.М. Буриев, Ф.С. Обидов // Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) – Душанбе, 2024-С.245-252;

[16-М] Буриев Ш.М. Рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ва аҳамияти он дар пешрафти муносибатҳои қарзӣ / Ш.М. Буриев // Семинари илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «масоили назариявию амалии пардохтҳои гумрукӣ дар раванди ғанигардонии даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 75-солагии дотсент Ҳикматов Сафаралӣ Ҳикматович (Душанбе, 15 -уми январи соли 2024) - С.46-53.

Дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои фаъолияти гумрукӣ ва кори бонкӣ иштирок доштанд: ҳамагӣ – 25 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 21 нафар. Аз ҷумла, д.и.и., профессор 2 нафар, н.и.и., дотсентон 15 нафар, муаллими калон 4 нафар. Натиҷаи овоздиҳии ошкоро чунин аст: тарафдор – 21 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, дар асоси натиҷаи овоздиҳӣ:

**Ҷаласаи кафедраҳо чунин қарор қабул кард:**

1. Муҳтавои дар баромади довталаби илмӣ Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» ироагардида, тақризҳои муқарризони холис - д.и.и., профессор Султонов З.С., н.и.и., дотсент Соҳибназаров Ғ.Х., н.и.и., дотсент Ғаюров Ғ.Ҳ. ва хулосаи роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкӣ Сайфуров К.Ф. ба инобат гирифта шавад;
2. Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) кори илмии анҷомдодашуда ва ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид шудааст, ҷавобгӯ ҳисобида шавад;
3. Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия

6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад;

Қарор дар маҷлиси ғайринавбатии кафедраҳои фаъолияти гумрукӣ ва кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси протоколи №2/1 аз 21-уми сентябри соли 2024 қабул гардид.

**Раис:**
н.и.и., дотсент, и.в. мудири кафедраи
фаъолияти гумрукии ДМТ — Соҳибназаров Ғ.Х.

**Котиб:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
кори бонкии ДМТ — Худойназаров Д.А.

Дурустии имзоҳои Соҳибназаров Ғ.Х., ва Худойназаров Д.А.–ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ